# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи “Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10– журналистика тавсия мешавад.**

Диссертатсияи номзадии Охунзода Насруддин ба яке аз мавзӯъҳои мубрами публитсистикаи муосир бахшида шудааст.

Мавзӯи рисола нав буда, дар илми журналистикаи тоҷик бори аввал дар шакли пажӯҳиши монографӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шудааст. Публитсистика инъикосгари рӯҳияи давру замони муайян буда, мавзӯи он аз ҳаёти иҷтимоии мардум сарчашма мегирад. Ҳаёти иҷтимоӣ бидуни ғояи раҳнамо самти муайяни инкишофи худро пайдо намекунад. Ғояи раҳнамо бо вуҷуди хусусияти умумӣ пайдо кардан, маншаи фардӣ дорад. Дар тавлид ва ташаккули ғояи пешбаранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти ваҳдатофарӣ ва созандагӣ дорад, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҷаста ва мондагор мебошад.

Нақши ин шахсияти барҷаста дар ташаккули давлатдории навини тоҷикон, бунёди Тоҷикистони нав басо бузург ва беназир аст. Сиёсати давлатдорӣ, шеваи роҳбарӣ, қобилияти мардумшиносӣ, инсондӯстӣ ва некхоҳии ӯ дар публитсистикаи китобиву адабиёти бадеӣ, амсоли «Нақби Истиқлол», «Меъмори ваҳдат», «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат», «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон» таҷассум ёфта, арҷгузорӣ шудааст, ки барои пажӯҳиши мавзӯъ манбаи боэътимод маҳсуб меёбанд.

Ба ин манзур, мавзӯи диссертатсияи Охунзода Н. замонавӣ буда, аҳаммияти илмиву амалӣ дорад. Он, аз як тараф, қобилият ва маҳорати публитсистони алоҳидаро дар шинохти корнамоиҳои Пешвои миллат нишон диҳад, аз ҷониби дигар, сабақҳои касбии публитсистикаи муосир ва таъсири онро ба наслҳои оянда муайян мекунад.

Муаллиф ба мақсади пажӯҳиши ҳаматарафаи мавзӯъ маводи фаровони илмиву публитсистиро гирдоварӣ намуда, бо таҳлилу баррасии онҳо вазифаҳои мушаххаснамудаашро ба қадри кофӣ ҳал намудааст. Дар диссертатсия заминаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ташаккули образи Президент Эмомалӣ Раҳмон, нақши осори ҷудогонаи публитсистӣ дар ташаккули образи ин шахсияти таърихӣ, саҳми таърихии Пешвои миллат дар истиқрори сулҳи тоҷикон, бунёди давлатдории навин, раванди бунёдкориву созандагиҳо, таҳкими истиқлолияти миллӣ ва амсоли ин таҳқиқу таҳлил гардидааст.

Ҳамзамон, имконоти жанрҳои публитсистӣ дар офаридани ин симои шахсияти таърихӣ мушаххас карда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се бобу шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ, дарачаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, арзиши назариву амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот бо баррасиҳои асоснок муаррифӣ гардидааст.

Дар боби аввал – «Тавсифи умумии осори публитсистӣ доир ба Эмомалӣ Раҳмон» муаллиф дар заминаи омӯзиш ва таҳлили осори публитсистии марбут ба мавзӯъ муайян мекунад, ки дар ташаккули шахсияти иҷтимоӣ ва сиёсии Пешвои миллат чунин омилҳо таъсиргузор будаанд: талошҳо дар таҳкими Ваҳдати миллӣ; халқу мамлакатро аз нобудӣ эмин нигоҳ доштан; элитаи сиёсии мамлакатро гирд овардан; фарҳанги сиёсии мамлакатро густариш бахшидан; мақомоти қудратиро ба вуҷуд овардан ва сохтори онҳоро мустаҳкам намудан; мамлакатро ба марҳилаи созандагиву бунёдкорӣ ворид намудан; фазои ҳамдигарфаҳмиро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд овардан; нуфуз ва обрӯи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ тавсеа бахшидан; низоми давлатдориро густариш додан ва ғайра. Аз таҳлил ва баррасиҳои ӯ бармеояд, ки нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон на танҳо дар таҳкиму пойдории сулҳу ваҳдат барҷаста, балки барои минбаъд дар рушду пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ бесобиқа ва мондагор аст. Ин ва дигар омилҳо муҷиби ташаккули образи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва бозтоби чеҳраи ӯ дар публитсистикаи китобии тоҷик гардидааст.

Дар боби дуюм – «Вижагиҳои тасвири симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ» дар заминаи таҳлили осори публитсистону адибон саҳм ва нақши Пешвои миллат дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдату якдилии мардуми кишвар, корҳои созандагию ободонӣ ва рушду тараққии Тоҷикистони муосир нишон дода шудааст. Марҳилаҳои ба сари қудрат омадани Эмомалӣ Раҳмон, талошу корнамоии ӯ дар самти таҳкими ваҳдат ва сулҳи тоҷикон, баргардонидани гурезаҳо аз марзи Афғонистон, ба вуҷуд овардани фазо барои ҳаёти осоишта, вусъат бахшидан ба корҳои созандагӣ, рушди маориф, фарҳанг ва тандурустӣ дар публитсистикаи китобӣ, хоса асарҳои Ш. Мӯсо – «Достони Роғун», Б. Муртазо – «Нақби Истиқлол», М. Тоштемиров, С. Фаттоев «Шоҳроҳи сулҳофарӣ ва бунёдкории Президент Эмомалӣ Раҳмон», Н. Абдулваҳҳоб, У. Шерхон – «Ваҳдатовар» ба таври муфассал ва

доманадор бо сабку услуби вижа ва маҳорату ҳунари нигорандагии хос инъикос ёфтааст.

Мавзӯи баҳси боби сеюм «Таносуби воқеият ва бадеият дар бозтоби симои Пешвои миллат» аст. Дар ин боб диссертант кӯшиш намудааст, ки истифодаи имконоти жанрҳои публитсистиро дар офаридани симои шахсияти таърихӣ бо назардошти таносуби воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ нишон диҳад. Ӯ осори марбут ба мавзӯи таҳқиқро аз нигоҳи жанрӣ ба ду гурӯҳ: лавҳаю очерк ва қисаву достонҳои публитсистӣ ҷудо намуда, ба хулосаи дуруст меояд, ки асарҳои гурӯҳи аввал, асосан аз ҷониби рӯзноманигорон иншо гардида, дар онҳо василаҳои эҷодиву ҳунарӣ камтар ба мушоҳида мерасад. Дар осори гурӯҳи дуюм, ки аз ҷониби нависандагон таълиф гардидаанд, истифодаи аносири мухталифи бадеӣ бартарӣ дорад.

Хулосаҳои таҳқиқоти Охунзода Н. ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо далелу аснод асоснок карда шудааст. Диссертатсия сохтори муайяни илмӣ дошта, дар он метод ва методологияи таҳқиқ риоя шудааст. Бобу фаслҳои диссертатсия ба ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд, онҳо якдигарро пурра мекунанд ва дар умум, тарҳи комили мавзӯи таҳқиқро намо медиҳанд.

Автореферат ва маводи доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Охунзода Насруддин дар тӯли солҳои аспирантӣ худро ҳамчун пажӯҳишгари рамузфаҳм, ҷӯянда ва масъулиятшинос нишон дода, ба омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ ҷиддӣ машғул шуд, иртиботашро бо роҳбари илмӣ қавӣ гардонд ва то қадри тавон аз имконоти мавҷуда самаранок истифода намуд, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқ дар ҳамоишҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалии соҳа суханронӣ кард, мақолаҳои ҷудогонаи илмӣ ба нашр расонд. Чунин муносибат боис гардид, ки ӯ дар давоми муҳлати муайяншуда таҳқиқоти илмиашро бо сифати баланд ба анҷом расонад.

Бо назардошти сифатҳои шахсии муаллиф ва омодагии ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқотии мустақил ҳисоб мекунам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Охунзода Насруддин дар мавзӯи “Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик” кори баанҷомрасида аст. Кор дар сатҳи хуби илмӣ иҷро гардида, бо муҳиммияту мубрамият, навгониҳои назариву амалӣ ва аҳаммияти худ ба талаботи пажӯҳиши диссертатсионӣ мувофиқ аст.

Автореферат ва маводу мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ба дараҷаи кофӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Дар маҷмӯъ, кор ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика сазовор аст.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор **Муродов М. Б.**

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10
тел: 934251532
E-mail: murodi@mail.ru

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э. Ш.**